# Нолае дар сӯги устод Раббонӣ

Муаллиф: Аъзам Хучаста
05.10.2011 23:49



Ох аз ин гардиши чархи фалак

Мезанад хар дам ба захми мо намак

Ох аз тарфанди ин айёши пир

Менагардад аз хуни точик сер

Шахри Кобул гарк дар мотам шуда

Калби хар точик асири гам шуда

Эй дарег аз бахти шури миллато

Бор Илах, аз мо бигир ин иллато!

Чавхари моро ту бар мо ру намо

Фитрати моро бино кун, эй Худо!

Шахсият бахшу махалбозӣ бигир,

Ин хама чурму дагалбозӣ бигир.

Мо агар озодаем, озодагон

Аз чӣ дар банду залилу нотавон?

Марги Рабонӣ факат як марг нест

Анчаре* орӣ зи шоху барг нест.

Решаи терорхо дар об хаст

Сад дарего халки ман дар хоб хаст

Точико, айёми бедорӣ расид

Субхи растохези бедорӣ дамид!

Бояд акнун мо хама якчо шавем

З-ин хама "ман"-хо рахему "МО" шавем

------

Анчар дарахти нахс ва захрогин*